Ба Шурои диссертатсионии 6D.K0A -017 назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (суроға: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ 44
www.ied. tj

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Холиқзода Аҳлиддин Юлдош дар мавзуи “Мукаммалгардонии механизми ташкилӣ – иқтисодии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз руйи ихтисоси 6D050700 – Менеҷмент (60050704 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо).**

Таҳлили масъалаҳои беҳдошти ҳифзи иҷтимоӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ ва рақамикунонии иқтисодиёт нишон медиҳад, ки мушкилоти таъминоти иҷтимоиро аз сабаби дигаргунии доимии бавуқуъоянда якбора ҳал кардан имконнопазир аст. Ҳалли ин масъалаҳо мутобиқ кардани воситаҳои ҳифзи иҷтимоиро ба вазифаҳои наве, ки дар соҳаи иҷтимоӣ вобаста ба ҳолати иқтисодиёт ба миён меоянд, тақозо мекунад. Рушди низоми ҳифзи иҷтимоӣ дар солҳои охир нишон дод, ки тадбирҳои ҳифзи иҷтимоиро аз амалияи давлатҳои дигар ба таври худкор нусхабардорӣ намудан мумкин нест. Зеро онҳо робитаи мушаххасро бо заминаи иҷтимоию иқтисодии миллӣ талаб мекунанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ дар ин раванд низоми махсусии идоракунии институтсионалии ҳифзи иҷтимоӣ ташаккул ёфтааст. Принсипҳои инсондӯстӣ ва адолати иҷтимоӣ асоси онро ташкил намуда, арзиши хоси шахсияти инсон, ҳуқуқ ба озодии он, рушди қобилият, некӯаҳволии ҳаёти пурҷӯшу хурӯш ва хушбахтонаи инсонро, сарфи назар аз хусусиятхои миллӣ, нажодӣ, динӣ ва дигар хусусиятҳои фардию ҷамъиятӣ тасдиқ мекунанд.

Қобили қайд аст, ки таҳлили масоили номбурда дар доираи ҷадвалҳо гистограмаҳо бо истифода аз рақамҳо ва маълумотҳои омори расмӣ бо нишондоди сарчашмаи истифодашуда сурат гирифтааст.

Аз таҳлилҳои муаллифи диссертатсия бармеояд, ки дар соли 2023 дар мамлакат 48328 нафар бекорон ба қайд гирифта шуда буданд, ки аз онҳо 22362 нафарашон занҳо мебошанд. Аз шумораи умумии бекорон дар соли 2023 танҳо нисбати 15207 нафар ёрдампулӣ таъсиси дода шудааст, ки ба 31,46% -и миқдори умумии бекорон баробар аст. Аммо новобаста аз муқаррар гардидани ёрдампулӣ ба миқдори зикргардидаи бекорон дар соли 2023 танҳо 12993 нафар ва дар соли 2016 танҳо 15714 - нафар ёрдампулӣ гирифтаанд, ки ин мутаносибан ба 103,33 % ва 53,48% аз шумораи умумии бекороне, ки нисбаташон ёрдампулӣ муқаррар карда шудааст, баробар аст (саҳ.27).

Хулосаҳои пешниҳодкардаи муаллиф имконият медиҳанд, ки донишҳои илмии самти таъмини механизми ташкилӣ – иқтисодии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ инкишофу мукаммал гардонида, метавонанд ба заминаҳои назариявии таҳияи сиёсати минтақавии давлат шомил карда шаванд, ки ба баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ дар асоси пурра амалӣ намудани имкониятҳои иқтисодию беҳтаргардонии шароити зиндагии мардум нигаронида шудаанд.

Диссертант бо дар натиҷаи омӯзиши адабиётҳои гуногуни хориҷию ватанӣ моделҳои консептуалии гуногунро оид ба мавзуи таҳқиқшаванда тартиб дода, аҳамияти илмии онро шарҳ додааст.

Диссертант пешниҳод мекунад, ки татбиқи механизми идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар умум бояд қабули чорабиниҳоро дар самти боз ҳам паст намудани дараҷаи камбизоатӣ, баландбардоштани музди миёнаи меҳнат, васеъ гардонидани таркиби сабади истеъмолии аҳолии ниёзмандро низ дар бар гирад.

Дар маҷмӯъ бояд зикр кард, ки бо назардошти мулоҳизаҳои илман асосноки муҳаққиқ, ба роҳ мондани таҳлил ва баррасии вижагиҳои

механизми ташкилӣ – иқтисодии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар автореферати диссертатсия нишон додааст.

Новобаста аз дастовардҳои дар автореферат дарҷ гардида, инчунин баъзе камбудиҳо дар автореферат вуҷуд дорад:

1. Бисёр ба маврид мебуд оиди мавзуи таҳқиқшаванда дар миёни аҳолӣ ягон хел пурсишномаҳо гузаронида мешуд ва натиҷаи пурсишномаҳоро дар автореферати диссертатсия ҷой менамуд.

Мазмуни автореферат имкон медиҳад то чунин хулоса барорем, ки кори диссертатсионии пешкашгардида ба тамоми талаботи нисбат ба таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳодшаванда баҳри дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, тамоми бандҳои муқараршуда оид ба додани дараҷаи илмие, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295 26 тасдиқ шудаст, ҷавобгӯ буда, ба Холиқзода Аҳлиддин Юлдош дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз руйи ихтисоси 6D050700 – Менеҷмент (60050704 – Ташкил ва идоракунии корхонахо, низомҳо ва комплексҳо) сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Д.и.и., дотсент, муовини ректор оид
ба илми Донишгоҳи давлатии Данғара Қодирзода Х.Қ.

Имзои Қодирхода Х.Қ.-ро тасдиқ мекунам.

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии Данғара Тоирзода С.Т.

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ШУЪБАИ КАДРҲО ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ДАНҒАРА

Суроға: 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.-ки Данғара, кӯчаи Марказӣ, 25,
Донишгоҳи давлатии Данғара
Тел.: (+992) 8331222842; (+992) 8331222806
Почтаи электронӣ: dddangara_2013@mail.ru
Сомонаи расмӣ: www.dsu.tj